# Мусалмон касе аст, ки мусалмонон аз забон ва дасти ӯ дар амон бошанд. Ва муҳоҷир касе аст, ки он чиро Аллоҳ ҳаром кардааст, тарк кунад

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Мусалмон касе аст, ки мусалмонон аз забон ва дасти ӯ дар амон бошанд. Ва муҳоҷир касе аст, ки он чиро Аллоҳ ҳаром кардааст, тарк кунад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки мусалмоне, ки исломаш комил аст, касе аст, ки мусалмонон аз забони ӯ дар амон ҳастанд. Яъне, онҳоро дашном намедиҳад, лаънат намегӯяд, ғайбат намекунад ва ба забонаш ба онон ҳеҷ зараре намерасонад. Ва онҳо аз дасташ ҳам дар амон ҳастанд. Яъне, ба ҳаққашон даст дарозӣ намекунад ва амволашонро ба ноҳақ намегирад ва монанди инҳо. Ва муҳоҷир касе аст, ки он чиро Аллоҳ ҳаром кардааст, тарк мекунад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/10101

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee